5.2.5.Иқтисодиёти ҷаҳони
5.2. 5. Мировая экономика
5.2.5.The world economics

УДК-33Т
ББК-65.9(5т)
М65

# ТАҲЛИЛИ РЕТРОСПЕКТИВИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҲСОНКОРӢ: ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ, ТАФОВУТ, ХУСУСИЯТҲО

***Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна*** *- сармуаллимаи кафедраи назарияи иқтисодӣ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail:* lubamirboboeva25@mail.ru
***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич*** *- мудири кафедраи молия ва андози МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»*

# РЕТРОСПЕКТИВНЫЙ АНАЛИЗ БЛАГОТВОРИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ: МИРОВОЙ ОПЫТ, СПЕЦИФИКА, ОСОБЕННОСТИ

***Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна*** *- старший преподаватель кафедры экономической теории ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail:* lubamirboboeva25@mail.ru
***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич*** *- заведующий кафедрой финансы и налога ГОУ “ХГУ им. академика Б. Гафурова*

# RETROSPECTIVE ANALYSIS OF CHARITY ACTIVITIES: WORLD EXPERIENCE, SPECIFICITY, FEATURES

***Mirboboeva Matlubahon Ibraimkhonovna*** *- Senior Lecturer at the Department of Economic Theory, SEI «Khujand State University named after academician B.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail:* lubamirboboeva25@mail.ru
***Mamadov Saidmurodkhon Valievit*** *- Head of the Departament of Finance and Tax SEI «Khujand State University named after academician B.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолияти эҳсонкорӣ, фаъолияти хайриявӣ, саховатмандӣ, соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, соҳибкорони саховатпеша.*

*Дар мақола таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти эҳсонкорӣ пешниҳод гардидааст. Хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои эҳсонкорӣ дар кишварҳои гуногун муайян карда шудааст. Муайян карда шудааст ки расонидан ва гирифтани кӯмаки хусусии эҳсонкорӣ унсурҳои муҳими ҳаёти шаҳрвандон дар асри XIX дар Аврупо ба ҳисоб рафта, чунин фаъолият дар маркази ҳаёти ҷамъияти қарор гирифтааст. Таҳлили инкишофи таърихии эҳсонкорӣ дар кишварҳои гуногун нишон дод, ки эҳсонкорӣ ҳатто дар кишварҳое, ки ҷомеаи шаҳрвандии суст тараққикарда вуҷуд дорад, дар табақаи хурду миёна рушд кардааст. Таҳқиқот имконият дод, ки вазъи фаъолияти эҳсонкорӣ дар кишварҳои пешрафта ба воситаи усулҳо ва воситаҳои мухталифи давлатӣ дастгири карда мешавад, махсусан бо дарназардошти танзими ҳуқуқии фаъолияти эҳсонкорӣ.*

***Ключевые слова:*** *благотворительная деятельность, безвозмездная помощь, социальные сферы услуг, предприниматели-благотворители .*

*В статье приводится мировой опыт благотворительной деятельности. Выявлены особености деятельности благотворительных организаций различных стран. Установлено, что предоставление и получение частной благотворительной помощи были важным элементов городской жизни в Европе XIX века и находилось в центре общественной жизни. Анализ исторического развития благотворительной деятельности в различных странах показал, что благотворительность процветала даже в странах со слабо развитым гражданским обществом и незначительным средним классом. Исследование позволило выявить положение о том, что в развитых государствах благотворительная деятельность*

*поддерживается всеми доступными государственными средствами и методами, особенно путем законодательного регулирования благотворительной деятельности.*

***Key words:*** *charitable activities, gratuitous assistance, social services, entrepreneurs-charities.*

*The article presents the world experience of charitable activities. The features of the activities of charitable organizations in different countries are revealed. It has been established that the provision and receipt of private charitable assistance were important elements of urban life in Europe in the 19th century and were at the center of public life. An analysis of the historical development of philanthropy in various countries showed that philanthropy flourished even in countries with a poorly developed civil society and a small middle class. The study revealed the position that in developed countries charitable activities are supported by all available state means and methods, especially through legislative regulation of charitable activities.*

Омӯзиши таъсири давлат ба таҷрибаи хориҷии инкишофи фаъолияти эҳсонкорӣ масъалаи муҳим арзёби мегардад. Тавре ки тадқиқотҳои байнидавлатӣ нишон медиҳанд, дастгирии давлат вобаста ба шароити мушаххаси ҳамкории давлат ва бахши ғайритиҷоратӣ, инчунин вобаста ба механизмҳои дастгирии давлатии истифодашаванда метавонад фаъолияти эҳсокориро ҳавасманд кунад.

Нақши давлат дар дастгирии фаъолияти эҳсонкорӣ дар кишварҳои хориҷӣ дар самтҳои танзими меъерии ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои эҳсонкорӣ, баррасӣ карда мешавад аз ҷумла:

- талабот ба мақоми ташкилотҳои хайриявӣ, раванди бақайдгирӣ ва сиёсати танзимотӣ, назорат ва ҳисоботдиҳӣ;
- андозбандии имтиёзноки ташкилотҳои хайриявӣ. Тадқиқот нишон медиҳад, ки тибқи ақидаҳои муосир оид ба омилҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба рушди эҳсонкорӣ мусоидат мекунанд (П. Випкинг, Р. Беккерс), имтиёзҳои андоз ягона омили муҳиме нестанд, ки ба афзоиши фаъолияти эҳсонкорӣ  таъсир расонанд;
- таҳкими заминаи захиравии бахши эҳсонкорӣ (таъсиси фондҳои эҳсонкории  миллӣ аз ҳисоби маблағҳои хусусигардонӣ, шарикии давлат ва фондҳои эҳсонкорӣ);
- рушди фарҳангии фаъолияти эҳсонкорӣ, аз ҷумла баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ, истифодаи воситаҳое, ки ба раванди эҳсонкорӣ мусоидат мекунанд.

Муҳим он буд, онҳое, ки кӯмакро тақсим мекарданд, дар ҳар як ҳолати алоҳида кори бузургро ба сомон мерасониданд. Эҳтиёҷмандон барои кӯмак гирифтан ҳуқуқи қонунӣ надоштанд,  онҳо бояд исбот мекарданд, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ ва динӣ ба он сазоворанд. Мафҳуми дақиқи «камбизоатӣ» ва «эҳтиёҷмандӣ» вуҷуд надошт, мафҳуми «сатҳи камбизоатӣ» муайян карда нашуда буд ва аз ин рӯ, бисёр одамони ниёзманд бо сабабҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ беасос аз кӯмак маҳрум карда мешуданд. Кӯмак ба камбизоатон дар асри XIX аксар вақт хеле субъективӣ буд.

Дар охири асри XIX ғояҳои ёрӣ расонидан ба ҳамдигар ва дахолат накардани давлат ҷолибияти худро гум карданд. Ташкилоти хайриявӣ дар ҳама ҷо фаровон буданд, аммо камбизоатӣ хотима наёфт.

Ёрии давлат мувофиқи зарурат зиёд шуд. Инқилоби дуюми саноатӣ, ки бо рушди саноати вазнин, истеҳсоли пӯлод, киштисозӣ ва металлургия алоқаманд буд, дар солҳои 1870 оғоз ёфт. Қобилияти неруҳои ҷамъиятии як вақтҳо тавоно (масалан, хайрияҳои маҳаллӣ ва калисо) барои тоб овардан ба оқибатҳои пешрафтҳои нави иқтисодӣ ва мубориза бо геттоҳои ватанӣ ва буҳронҳои даврии истеҳсолӣ дахолати фаъолтари давлатро талаб мекард. Дар Англия, Фаронса ва Олмон шаҳрҳои нави саноатӣ ба вуҷуд омаданд ва калисо аз уҳдаи фарогирии онҳо баромада наметавонист. Низоми пештараи калисо хароб мешуд. Олмон раванди бунёди давлати некӯаҳволии умумиро дар солҳои 1880 оғоз кард, Фаронса, Британиёи Кабир ва кишварҳои Скандинавия дар солҳои 1890 ва 1990 онро пайравӣ карданд.

Ба истиснои Англия ва як қатор ноҳияҳои Олмон, ки дар он ҷо амалишавии қонун дар бораи камбағалон аз ҳисоби андозҳо маблағгузорӣ мешуд ва як кисми муҳими хароҷоти солонаро ташкил медод, дар дигар мамлакатҳо кӯмаки иҷтимоии давлат суст инкишоф ёфта буд. Дар аксари шаҳрҳо ва деҳаҳои Фаронса, Италия ва Испания хайрияҳои хусусӣ ва калисо дар тӯли асри XIX ҳиссаи асосии кӯмакро ба камбизоатон мерасониданд ва кӯмак аз манбаъҳои давлатӣ аксар вақт набуд. Дар зиёда аз навад департаменти Фаронса ҳанӯз дар соли 1900, эҳсонкорӣ вуҷуд надошт. Фаъолияти ҳэҳсонкорӣ дар ноҳияҳои бойтарини Аврупо тамаркуз дошт ва дар минтақаҳои алоҳида ва ҷудогона қариб ки ба назар намерасид.

Ба ҳамаи ин камбудиҳо нигоҳ накарда, фаъолияти эҳсонкории шахсӣ дар Фаронса, Италия ва Испания, ки дар он ҷо қонун дар бораи камбағалон амал намекард, низлми иҷтимоиро аз вайроншавӣ нигоҳ дошт. Ҳатто дар он ноҳияҳое, масалан департаменти Па-де-Кале, дар шимоли Фаронса, ки дар

он кӯмаки иҷтимоӣ рушд дошт, 73% оилаи кормандони хоҷагии қишлоқ дар соли 1913 ин ё он кӯмаки хайриявиро гирифтаанд. Дар охири Ҷанги якуми ҷаҳонӣ таваррум ба фаъолияти эҳсонкорӣ ва кӯмаки хайриявӣ ба парасторгоҳҳо таъсир расонид ва соли 1920 тавозун ба ҷониби маблағгузории давлатӣ майл кард. Технологияҳои нави тиббӣ хароҷоти зиёд доштанд ва беморхонаҳои хурди хайриявӣ, ки аз ҳисоби маблағгузории хайрхоҳон амал мекарданд, ба рақобат тоб оварда наметавонистанд ва давлат маҷбур буд, ки ба он дахолат кунад. Фаъолияти анъанавии эҳсонкорӣ наметавонист, ки бо хароҷоти болорафтаи тиббӣ ва талаботи нави ҷомеа мутобиқ бошад.

Дар солҳои 1920 эҳсонкорӣ ва кӯмак ба камбағалон дар Аврупо нақши муҳим дошт. Ташкилоти хайриявӣ дар баробари расонидани кӯмаки пулӣ доир ба ахлоқ ва рафтори динии одамон низ ғамхорӣ зоҳир мекарданд.

Дар соли 1920 кӯмаки иҷтимоии давлатӣ дар Фаронса ва Англия баробари кӯмаки хайриявии шахсӣ буд. Дар Олмон ин ҳолат пештар, дар кишварҳои дигари аврупоӣ (масалан, Италия) дертар ба амал омад, аммо дар тӯли асри XIX барои мадад расонидан ба камбағалон мушкилзо буд.

Дар солҳои 1880 дар Лондон зиёда аз ҳафтсад ташкилоти хайриявӣ амал мекарданд, дар Париж бошад, чунин ташкилот чансад адад буданд. Маблағи умумие, ки созмонҳои хайриявӣ ҷудо мекарданд, аз хароҷоти давлатӣ зиёдтар буданд. Дар Лион ташкилоти хайриявии хусусӣ соли 1906 зиёда аз 18 млн. франк харҷ карданд, дар ҳоле ки кӯмаки давлатӣ ҳамагӣ 1,34 млн. франкро ташкил медод[1]. Пешниҳод кардан ва гирифтани кӯмаки хайриявии хусусӣ дар ҳаёти шаҳрии Аврупои асри XIX дар маркази фаъолияти ҷамъиятӣ қарор дошт, ки инро доир ба кӯмакҳои давлатӣ гуфта наметавонем. Эҳсонкорӣ ҳатто дар мамлакатҳое, ки ҷомеаи шаҳрвандияш суст инкишоф ёфтааст ва синфи миёнааш нааонқадар зиёд аст, рушду нумуъ кард.

То асри XX ҳисси ҳамдилии иҷтимоӣ дар ҳудуди калисои ба ибодат омадагон ва ё шаҳри худ маҳдуд буд, аз ин рӯ, доир ба мавҷуд будани давлатҳои иҷтимоӣ (ба ғайр аз Олмон) мумкин нест. То солҳои 1880 Олмон бори аввал намунаи чунин давлатро намоиш дод, хайрхоҳии хусусӣ ва низомҳои маҳалии кӯмакрасонӣ юарои камбағалон дар тамоми Аврупо хос буд. Ғайр аз ин, ба истиснои Англия, ки дар он ҷо қонун дар бораи камбағалон ҳуқуқи қонунии гирифтани кӯмакро таъмин мекард, аксарияти аврупоиён чунин ҳуқуқро дар асри XX соҳиб гаштанд.

Дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ шаҳрҳои дар тамоми Аврупо аз Лондон то Париж ва Вена давлатҳои хурди беҳдошти умумӣ гардиданд. Фаъолияти эҳсонкориии хусусӣ махсусан дар шаҳрҳои калон заиф гаридиданд. Дар байни ду ҷанг шаҳрҳои аврупоӣ андозҳоро боло бардошта, таъминоти шаҳриёнро беҳтар гардониданд. Мисоли маъмултарини ин шаҳри Вена мебошад, ки шӯрои маҳаллии ташкилнамудаи сотсиалистон давлати хурди тараққикардаи некӯаҳволии умумиро дар соли 1920 созмон дод. Дар баробари таъминоти иҷтимоии мунитсипиалӣ (маҳаллӣ) эҳсонкорӣ танг карда мешуд, аммо аз ҳаёти ҷамъиятӣ гум нашуд.

Дар солҳои 1920 – 1940 дар замоне ки давлат иқтидор, боигарӣ ва таъсиррасонии худро ғанӣ мегардонид, асоси молиявии хусусӣ, фаъолияти эҳсонкорӣ заиф гашт. Дар Фаронса соли 1944 хайрияҳои хусусӣ танҳо 7% буҷаи беморхонаҳоро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 1932 – 12% буд. Пардохтҳои солона, ба ғайр аз хайрияҳои дарозмуддат, ки дар соли 1930 1,2 то 2,4% буд, дар соли 1940 ба 0,8% баробар шуд.

Дар солҳои 1930 – 1950 низ давлат барои аз сари нав тақсим кардани маблағи пулии кофӣ надошт. Эҳсонкории хусусӣ ва кӯмак расонидан ба камбағалон дар маҳалҳо ба аврупоиён мадад расонид, то ки тартиботи иҷтмоиро нигоҳ доранд. Ҳаҷми чунин кӯмакҳо хеле кам буданд, дурнамои он бошад, аз ин кам камтар буд. Вақте ки солҳои 1950 Аврупо барои таъсиси ҷомеаи кушода, мутараққӣ ва элитарӣ қадам ниҳод, ҳаҷми эҳсонкории хусусӣ хеле кам шуда буд. Он мисли пешина дар Британиёи Кабир ва нисбатан камтар дар мамлакатҳои марказии Аврупо ҷой доштанд, аммо дар аксари ин давлатҳо ҷои фаъолияти эҳсонкориро барномаҳои давлатии иҷтимоӣ гирифтанд. Дар Олмон ва давлатҳои Скандинавия давлат сатҳи иҷтимоиро комилан фаро гирифт, ки эҳсонкорӣ дар пасманзари ҳаёти ҷомеа қарор гирифт.

Фаъолияти маҳаллӣ ва ихтиёрии фаъолияти эҳсонкорӣ дар аксарияти мамлакатҳои Ғарб дар асри XX ҳамдилии иҷтимоиро касб карда, ба ҳисси умумимиллӣ табдил ёфт.

Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ раванди гузариш аз тибби анъанавии хайриявӣ ба тибби аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда ба амал омад. Дар соли 1950 дар Фаронса зиёда аз 90% ва гоҳо дар 98% маблағгузории нигоҳубини беморонро аз ҳукумат ва ё низоми суғуртаи иҷтимоӣ мегирифтанд[2].

Ин ҳолат дар Британиёи Кабир бештар намоён буд. Беморхонаҳои хусусии хайриявӣ таҳти сарпарастии Хадамоти давлатии нигаҳдории тандурустӣ гирифта шуданд, ки он аз ҳисоби андозҳои марказонидашуда маблағгузорӣ мегардиданд.

Ҳаракати Аврупо аз фаъолияти эҳсонкорӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ба фарқияти байни ахлоқ ва сиёсати иҷтимоӣ оварда расонид, ки он дар навбати худ ба некӯаҳволии умумии давлатҳои аврупоӣ овард.

Дар давлатҳои тараққикарда фаъолияти эҳсонкорӣ бо ҳама гуна восита ва усулҳои дастрас дастгирӣ меёбад. Пеш аз ҳама бо роҳи танзими қонунии фаъолияти эҳсонкорӣ. Дар давлатҳои алоҳида (Бразилия, Олмон, Моҷаристон, Испания, Швейтсария, Ҷопон) он меъёрҳоии конститутсионӣ ва кодексҳои шаҳрвандӣ гаштааст. Дар ИМА ва Канада масъалаҳои фаъолияти ташкилоти хайриявӣ ба соҳаи танзими андоз табдил ёфтааст. Маъмулан, дар чунин давлатҳо фаъолияти эҳсонкорӣ аз тарафи давлат ба танзим дароварда мешавад.

Вазифаи маркази ҳамоҳангсозиро ташкилоти гуногун ба зимма мегиранд. Дар Австралия ва Дания чунин «марказ» ҳукумати ин давлатҳо мебошанд, ки созмон додани ташкилоти хайриявиро қадрдонӣ мекунанд ва аз ҷумла, онҳоро бо маълумоти зарурӣ таъмин менамоянд. Воқеан, дар Дания ин вазифа ба зиммаи Регистри фондҳо ва Директорати идораи андоз гузошта шудааст, ки он ҳар сол рӯихати ассотсиатсия, фондҳо ва ташкилотро ба нашр мерасонад.

Дар Испания фаъолияти ташкилоти хайриявиро депаттаменти давлатии иҷтимоӣ, дар Италия – Вазорати адлия, дар Фаронса – Вазорати корҳои дохилӣ, дар Канада – Вазорати бақайдгирӣ ва идораи андозҳо сарпарастӣ мекунанд.

Дар Британиёи Кабир ба танзими давлатии фаъолияти эҳсонкорӣ аҳамияти махсус медиҳанд. Хусусияти хоси фаъолияти ташкилоти хайриявӣ дар Британиё дар заминаи анъанаҳои таърихӣ ва қонунҳои 400 сол пеш қабулшуда қарор доштанаш мебошад. Ҳанӯз соли 1601 дар ин кишвар қонуне қабул гашта буд, ки тибқи он асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти эҳсонкорӣ ба вуҷуд омада буд. Ана дар ҳамон давра ассотсиатсияҳои гуногуни хайриявӣ дар заминаи ибодаткунандагони калисо ба вуҷуд омада буданд, ки баъзеяшон то ҳол муваффақона фаъолият доранд.

Аммо баъд Ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ хукумати Британиёи Кабир ба таври ҷиддӣ ба фаъолияти сектори хайриявӣ, махсусан ба қисмате, ки ташкилоти хайриявӣ буданд, аҳамият дод.

Таҳти роҳбарии Лорд Натан, ки баъдан Кумитаи Натан ном гирифт, қонунро дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ таҳия кард, ки он соли 1960 қабул гашт. Яке аз афзалиятҳои қонуни нав на танҳо танзими уҳдадориҳо, балки танзими имтиёзҳо ҳам буд. Ташкилоте ки фаъолияташон ба эҳсонкорӣ равона карда шудаанд, ҳангоми андозбандӣ имтиёзҳои муайянро доро мебошанд.

Ташкилотҳое, ки барои гирифтани мақоми хайриявӣ муроҷиат мекунанд, бояд ба меъёрҳои муайян ҷавобгӯ бошанд. Фаъолияти онҳо бояд ба кӯмак расонидан ба камбизоатон, пиронсолон, пешгирии табъиз аз рӯи нажод ва ҷинс, паҳн кардани таҳсилот ё дин, кӯмак расонидан ба одамоне, ки дар ҳолати вазнин қарор доранд (аз даст додани ҷои кор, манзил, мушкилоти равонӣ) ва ғайра равона карда шаванд. Ҳамчун созмонҳои хайриявии классикӣ, ки 100-150 сол пеш ба вуҷуд омадаанд, ташкилоти филантропии динии Артиши наҷот, Ҷамъияти миллии ҳифзи кӯдакон аз муносибати бераҳмона, Оксфорд Хаусро номбар кардан мумкин аст. Аммо воқеияти ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа зарурати таъсиси созмонҳои нави хайрияро ба монанди «Нигоҳубин ба беморони СПИД», кӯмак ба муҳоҷирон ва ғайраро тақозо мекунад.

Такмили қонунгузорӣ дар самти фаъолияти эҳсонкорӣ идома меёбад. Соли 1992 парлумон боз ба масъала мавриди назар таваҷҷуҳ карда, қонуни наврο ба тасвиб расонид. Қонуни соли 1992 дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ қадамҳои устуворро ба танзими хайрхоҳӣ ба вуҷуд овард: минбаъд нисбати онҳое ки маълумоти нодуруст ва иштибоҳоварандаро ба мақомоти махсуси ваколатдор доир ба эҳсонкорӣ пешниҳод мекунанд, ҷазо дода мешаванд. Ба шарофати таваҷҷуҳи давлат як қатор равандҳо содда карда шуданд, ки он дар даҳсолаҳои охир ба зиёд гаштани миқдори ташкилоти хайриявӣ сабаб гашт. Дар ибтидои солҳои 70-уми миқдори ин гуна ташкилот 80 ҳазор бошанд, пас дар оғози солҳои 90-ум шумораи онҳо ба 170 ҳазор адад расиданд. Ба ҳисоби миёна ҳар сол зиёда аз 4 ҳазор ташкилоти хайриявии нав ба қайд гирифта мешаванд[3].

Гардиши солонаи мол дар Англия ва Уэлс ба 10 млрд. фунт стерлинг арёзбӣ гашта, бо моликияташ баробари 2.5 млрд. фунт стерлинг баробар шуд. Бино бар маълумоти Комиссия доир ба эҳсонкорӣ солҳои 1992 – 1993 танҳо 25 фонди бузургтарини хайриявӣ садақа ва даромадро аз фаъолияти худ ба ҳаҷми 800 млн. фунт стерлинг ба даст оварданд ва онҳоро барои амалигардонии лоиҳаҳои гуногун равон карданд.

Яке аз самтҳои фаъолияти асосии ташкилоти хайриявӣ – кӯмак расонидан ба ташкилоти сарпарасти маъюбон мебошад. Дар байни онҳо Ниҳоди миллии салтанатии мадад ба карҳо (нигаҳбории мактабҳои махсус барои нобиноён ва карҳо, мадад расонидан ба корёбии онҳо), Ассотсиатсияи миллии нигаҳдории саломатии руҳӣ, Лигаи дӯстони беморхонаҳо, як қатор ташкилоти машғул ба

хизматрасонии калонсолон – «Ғамхорӣ ба калонсолон» (Age Conceкn) ва «Мадад ба калонсолон» (Helpthe Aged) қарор доранд.

Ҷамъияти доктор Т. Борнадо, Фонди мадад ба кӯдакон, Ҷамъияти кӯдакони калисои англисӣ, Ҷамъияти миллии ҳифзи кӯдакон аз муносибати бераҳмона бо фаъолияти гуногунранги ҳифзи кӯдакӣ машғуланд. Ин ташкилот хадамоти гуногуни расонидани кӯмак ба кӯдаконро доранд.

Нерӯи пешбарандаи фаъолияти хайриявӣ ба манфиати давлат мавқеъи фаъоли сиёсиву иҷтимоии кормандони соҳа, омодагии баланди касбӣ ва мансубият ба синфи миёна мебошад. Масалан, дар байни роҳбарони созмонҳои хайриявии Шотландия, фоизи мутахассисон аз ҳисоби миёнаи минтақа баландтар аст: 60% онҳо мутахассисони дипломдор мебошанд[4].

Низоми эҳсонкорӣ дар ИМА ба таври васеъ инкишоф ёфтааст ва дар он ҷо тақрибан 400 000 ташкилоти хайриявӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо даҳҳо миллион ихтиёриён кор мекунанд. Тибқи қонунҳои ИМА, созмони хайриявӣ бояд ба чаҳор принсипи асосӣ: ба манфиати умум амал кардан; роҳ надодани ҳолати ба манфиати шахсони алоҳида истифода бурдани хайрия; дар назди худ мақсади тағйир додани қонунгузории кишварро нагузоштан; дар чорабиниҳои таблиғотии сиёсӣ иштирок накардан ҷавобгӯ бошад. Сохтори ташкилоти хайрияро қонуни иёлот муайян мекунад. Чунин ташкилот ҳар сол ба ҳукумати федералӣ ё маъмурияти маҳаллӣ ҳисобот медиҳад.

Дар ИМА аввалин қонун дар бораи эҳсонкорӣ соли 1950 қабул гашта буд. Он ба таври мушаххас фарқи фаъолияти эҳсонкорӣ ва тиҷоратро муайян кардааст. Тибқи қонун, соҳибкорӣ бояд на бештар аз 10%-и даромади фаъолияти хайриявии ҷамъиятро ташкил диҳад.

Дар байни ташкилоти сершумори хайрияви ИМА дар намуди фондҳо ва барномаҳо метавонем Шурои умумии таълимиро (муассисаш Ҷ. Рокфеллер, соли 1902) ва фонди таъсисдодаи Э.Карнегиро (соли 1905) ҷудо кунем. Ин фондҳо бо мақсади тараққӣ додани маорифи халк ташкил карда шудаанд ва онҳоро Шуроҳои парасторон, ки аз намояндагони капитали калон, илм ва ҳуқукшиносон иборатанд, роҳбарӣ мекунанд.

Фондҳои хайрияи ИМА-ро хориқаи асри XX меноманд. Агар соли 1990 ҳамагӣ 18 адад бошанд, ҳоло мувофиқи маълумоти расмӣ 35 ҳазор ва аз рӯи ҳисобҳои ғайрирасмӣ зиёда аз 60 ҳазор мебошанд. Маблаги дороии фондҳо ба 60 миллиард доллар мерасад, ки қариб нисфи ин маблағ ба ҳисоби 13 фонди калонтарин мансуб мебошанд[5].

Дар соли 1936 бо маблағҳои яке аз калонтарин истеҳсолотчиён ва саноатчиён Г.Форд фонди ба номи ӯ ташкил карда шуд (аз соли 1950 он мақоми байналхалқиро гирифт). Ҳадафҳои расмии фонд инҳоянд: таҳкими демократия, мубориза барои адолати иҷтимоӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва шарикии ғайритиҷоратӣ. Намояндагиҳои ин фонд дар 18 кишвари ҷаҳон фаъолият доранд. Фонди Форд ба созмонҳо дар мавзуъҳои: таблиғоти ҳуқуқи инсон ва ислоҳоти ҳуқуқӣ, таҳлили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукумати маҳаллӣ бурсияҳо медиҳад. Фонд ба мушкилоти ҷавонону пиронсолон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад.

Фаъолияти эҳсонкории корпоративӣ дар ИМА на танҳо як ҷузъи муҳими фаъолияти соҳибкорӣ боқӣ мемонад, балки майли афзоиш низ дорад. Ин пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки фаъолияти хайрхоҳӣ ҳам ба онхое, ки онро таъмин мекунанд ва ҳам ба онҳое, ки онро мегиранд, фоидаовар аст. Дар ҳоле ки ҳукумати Амрико дар ҳама сатҳҳо хароҷотро барои эҷоди беҳбудии ҷамъиятӣ кам мекунад, созмонҳои ғайритиҷоратӣ барои муқобила бо ин тамоюл маблағ меҷӯянд. Фондҳои федералӣ ба монанди United Way аллакай тақрибан чоряки молиёташон ба хайрияи корпоративӣ вобастаанд. Дастгирии корпоративӣ, хоҳ дар шакли пули нақд, хоҳ молӣ ва хоҳ маркетинги якҷоя, ҳамчун манбаи умедбахши даромад барои бисёре аз созмонҳо, ки дар мушкилоти молиявӣ қарор доранд, баррасӣ мешавад.

Тақрибан 750 000 ширкати амрикоӣ ба мақсадҳои хайриявӣ саҳм мегузоранд. Масалан, соли 2001 ширкати тиҷоратии Taкqe1 2,51% даромади худро ба ин мақсадҳо равона кардааст, ки 85,8 миллион долларро ташкил дод. Ба ҳисоби миёна, як ширкати амрикоӣ барои хайрия 21% маблағи даромадашро сарф мекунад. Ба қатори бузургтарин хайркунандагон ба таври анъанавӣ ширкатҳои Foкd, Philip Moккis, ExxonMc^ӣil, Wal-MaкtStoкes, Intel дохил мешаванд[6]..

Аксаран фаъолиятҳои хайрияии амрикоӣ дар дохили кишвар тақсим карда мешаванд, аммо баъзе фондҳои корпоративӣ инчунин дар лоиҳаҳои байналмилалӣ иштирок карда, дар саросари ҷаҳон саҳмҳои хайриявӣ медиҳанд. Корпоратсияҳои грантӣ ҳамчун як қисми стратегияи тиҷорати глобалии худ ба хайрияи байналмилалӣ бештар ҷалб карда мешаванд. Масалан, Фонди Сан Диего (Калифорния) дар тӯли 28 соли фаъолияташ 243 миллион доллар грантҳои хайриявиро ҷалб ва тақсим кардааст. Воситаҳои фонд барои рушди маориф, фарҳанг, тандурустӣ, расонидани кӯмак ба кӯдакону пиронсолон равон мегардад.

Фаъолияти хайриявии корпоративӣ дар Ҷопон ҳангоми азнавсаноатикунонии ин кишвар пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, махсусан дар солҳои 1960 ба вуҷуд омадааст. Фишори сиёсӣ ва тиҷорӣ ба тавсеаи фаъолиятҳои хайриявии байналмилалӣ, ки корпоратсияҳои Ҷопон ба донишгоҳҳо, осорхонаҳо ва институтҳои тадқиқотии Амрико пешкаш мекунанд, мусоидат кард. Ҷолиби диккат аст, ки хусусиятҳои мадании мамлакат боиси маҳдуд шудани ташаббусҳои хусусӣ ва мутамарказ шудани ҷидду ҷаҳди ташкили ташкилоти хурди махсуси ғайридавлатӣ дар дохили Ҷопон гардид.

Дар Нидерландия анъанаи деринаи эҳсонкории хусусӣ ҷой дорад. Бисёр ташкилоти хусусии ғайритиҷоратӣ дар кӯмаки иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти ҷавонон фаъолона ширкат варзида, ба рушди маориф, санъат ва тадқиқоти гуманитарӣ мусоидат мекунанд, тандурустӣ ва илмро дастгирӣ мекунанд. Ассотсиатсияи Фондҳои Ҳолланд барои ҳамоҳангсозии чунин фаъолиятҳо таъсис дода шудааст. Ассотсиатсия барои самаранок истифода бурдани маблағҳо бо мақомот, мақомоти иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма робита дорад, ба таъсиси фондҳои нав мусоидат мекунад, дар байни аъзоёни худ робита барқарор мекунад ва фаъолияти онҳоро мутобиқ менамояд.

Дар Шветсия фаъолияти ташкилоти хайриявӣ аҳамияти калон дорад, масалан, «Каритас Свиден» ташкилоти хайриявии калисои католикӣ соли 1946 барои кӯмак ба осебдидагони Аврупо таъсис ёфтааст. Аз соли 1987 «Каритас Свиден» кӯшишҳои худро ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ дар Шветсия равона кардааст; инчунин ба расондани ёрӣ ба Америкаи Лотинӣ, Шарқи Наздик, Африқо ва Осиё машғул аст. Дар мамлакат форуми ҳамкории занони Шветсия амал мекунад, ки дар он қисмати зиёди аъзои ҳаракати миллии занон, инчунин Маркази омӯзиши масъалаҳои занон дар донишгоҳи Уми гирд оварда шудаанд.

Дар Канада 80 000 муассисаҳои хайриявӣ мавҷуданд, ки бо маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ ва динӣ, тандурустӣ, санъат ва фарҳанг, рушди байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра машғуланд. Фаъолияти онҳо дар миқёси миллӣ аз ҷониби Маркази Канада оид ба хайрхоҳӣ, ки соли 1917 таъсис ёфтааст, ҳамоҳанг карда мешавад.

Дар сохтори даромадҳои хайриявии Канада дар даҳсолаи охири асри XX дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал наомадааст. Динамикаи ин дигаргуниҳо дар бораи характери устувори ба вуҷуд омадани онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳаҷми даромадҳои солона аз донорҳои хусусӣ пайваста аз 15 фоиз зиёд нест, дар ҳоле ки саҳмҳои давлатӣ ва тарҳҳо аз гаравҳои амволи давлатӣ одатан тақрибан 85 фоизро ташкил медиҳанд, яъне аз онҳо 4 маротиба зиёд мебошад[7].

Дар ибтидои асри XXI шумораи шаҳрвандон ва ташкилотҳое, ки дар фаъолиятҳои эҳсонкорӣ ва волонтёрӣ иштирок мекунанд, мунтазам афзоиш ёфта, миқёси барномаҳо ва лоиҳаҳои хайриявӣ васеъ мегардад. Нақши фондҳои хайриявӣ дар иқтисодиёт беш аз пеш ба назар намоён мегардад, ки тавассути он маблағҳои афзояндае, ки ба хайрия равона карда мешаванд (дар соли 2015 хайрияҳои хусусӣ дар ИМА 1,44% ММД, дар Зеландияи Нав - 0,79 %, дар Канада – 0,77% ва дар Русия – 0,34%) мегузаранд1. Дар бисёр кишварҳо, фондҳои хайриявӣ ба як барандаи муҳими сиёсати иҷтимоӣ дар ҷомеа табдил мeёбанд, зеро онҳо барномаҳои хайриявии гуногунро маблағгузорӣ мекунанд ва ба қишрҳои камҳифозати ҷомеа кӯмаки назаррас мерасонанд.

Фондҳои хайриявӣ ҳамчун гирандагони асосии хайрияҳо ва субсидияҳои давлатӣ захираҳои назарраси молиявиро ҷамъ намуда, ба муассисаҳои бонуфуз табдил меёбанд ва ба иштирокчиёни асосии бозори муосири молиявӣ табдил меёбанд.

Аз ҷумла, дар ИМА дороиҳои маҷмӯии фондҳои хайриявӣ дар соли 2012 3,8 триллион доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки бо ҳаҷми дороиҳои фондҳои инвеститсионалӣ ва дигар муассисаҳои молиявии кишвар муқоисашаванда аст[8].

Аз нӯҳ категорияи ташкилоти эҳсонкорӣ, қисмати зиёди маблағи хайриявӣ ба ташкилоти динӣ тахминан 86,4 млрд. $ ва ё 35,9% нишондиҳандаи умумӣ рост меояд.

Фондҳои хусусӣ бузургтарин ҷузъи системаи эҳсонкории ИМА мебошанд. Маъмулан, маблағҳоро роҳбарони ширкатҳои калон ё сарони оилаҳои сарватманди Амрико ташкил медиҳанд ва онҳоро менеҷерони касбӣ идора мекунанд. Фондҳо бояд шӯрои директорон ё шӯрои сарпарастон дошта бошанд, ки аъзои онҳо одатан муассисони фонд мебошанд.

Имрӯзҳо системаи хайриявӣ дар ИМА дорои иқтидори ба қадри кофӣ калони захиравӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба рушд ва такмили ҷомеа ва шахсият мебошад. Дар баробари ин, масъалаи тақсимоти самараноки захираҳо ҳам барои сохторҳои хайриявӣ ва ҳам барои сохторҳои давлатӣ аҳамияти худро дорад. Таҷрибаи Амрико нишон медиҳад, ки дар баробари рушди низоми фондҳо ва созмонҳои хайриявӣ механизми ҳамкории ин ниҳодҳо ва ҳукумат мураккабтар мешавад. Мароқ зоҳир карлани охирин ба дастгирии ташкилоти хайрхоҳона, ки фаъолияташон ба рушди интеллектуалӣ ва моддии ҷомеа мусоидат мекунад, зиёд гаштааст. Ҳангоми баррасии масъалаи дастгирии эҳсонкорӣ

барои барномаҳои ичтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, тиббӣ ё дигар барномаҳо шахсони воқеӣ, корпоратсияҳо ё ташкилоти ҷамъиятӣ аз имкониятҳои молиявӣ бармеоянд ва оқибатҳои молиявии онро арзёбӣ мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағҳо барои фаъолияти эҳсонкорӣ метавонанд аз сарчашмаҳои гуногун пайдо шаванд. Муҳимтарини онҳо саҳмҳои ихтиёрӣ ва хайрияҳои ташкилот, шахсони алоҳида, ширкатҳои тиҷоратӣ, корхонаҳо мебошанд; грантҳои давлатӣ; даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ (тамоми фоидае, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифта мешавад, бояд ба мақсадҳои хайрия равона карда шавад); саҳми аъзоён мебошад.

Ташкилоти хайриявӣ мушкилоти зиёде доранд: мушкилии ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ва такрори он, нарасидани захираҳои молиявӣ ва дар натиҷа хатари вобастагӣ ба сарпарастон ё идеологияи сиёсӣ. Аксарияти созмонҳои хайриявӣ на танҳо дар сатҳи маҳаллӣ, балки дар сатҳи умумимиллӣ низ фаъолият мекунанд. Барои кори муваффақтарин онҳо бояд фаъолиятҳоро ҳамоҳанг созанд, такрори нолозимро пешгирӣ кунанд ва барномаҳоро бо дигар созмонҳои ихтиёрӣ ва хадамоти давлатӣ ҳамоҳанг созанд. Бо ин мақсад сохторҳои гуногуни «чатрӣ» таъсис дода мешаванд, ки мақомоти давлатӣ набуда, мустақилона амал карда, ба қонунгузорӣ такя мекунанд. Барои мақомоти давлатӣ кор кардан бо сохторҳои «чатрӣ» қулай аст, аз ин рӯ онҳо майл доранд, ки онҳоро дастгирӣ кунанд. Бо вуҷуди ин аз буҷа гирифтани маблағ онҳоро ба дастгоҳи мансабдорон вобаста намегардонад, зеро маблағҳо ба барномаҳои конкретӣ тақсим карда мешаванд, ки аз натиҷаи онҳо ин сохторҳо ҳисобот медиҳанд. Ба ғайр аз ин, манбаи маблағгузории буҷавӣ танҳо як қисми маблағи ташкилоти хайриявиро ташкил медиҳад. Ташкили ташкилоти «чатрӣ» яке аз механизмҳои назорати фаъолияти хайриявӣ мебошад.

Бахши хайрхоҳӣ аз фаъолияти худ имтиёзҳои калон мегирад, бисёр коргарони бемуздро ба худ ҷалб мекунад, вале дар айни замон вай ба назорати омма кушода аст дар бораи тафсилоти он ва даромаду хароҷот мунтазам ҳисобот чоп мекунад. Чандирӣ ва навоварӣ ба ӯ кӯмак мекунад, ки муҳити ичтимоии тағйирёбандаро зуд пайгирӣ кунад ва ӯро дар мубориза барои бунёди ҷомеаи некӯаҳволи ичтимоӣ ба воситаи муассир табдил диҳад.

Ба назари муаллиф  дастгирии фаъолияти эҳсонкорӣ барои ҳама кишварҳои иқтисоди бозорӣ матлуб аст, хоҳ онҳо муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд ва хоҳ ба наздикӣ дигар системаҳои иқтисодиро иваз кардаанд. Муваффақияти ниҳоии ин падида дар ҳар кишвар аз он вобаста аст, ки ҳарду ҷониб дар як амали хайрия иштирок мекунанд, сарфи назар аз баъзе паҳлӯҳои негативӣ, манфиат мегиранд.

Ба ақидаи муаллиф таҷрибаи эҳсонкории ИМА барои кишварҳои дигари бозоргонӣ намуна аст, аммо гумон аст, ки маҳз ҳамон шаклҳои фаъолияти эҳсонкорӣ дар кишварҳои дигар зуд пайдо шаванд.

Маҷмӯи ин омилҳо — суръати тараққиёти иқтисодиёт, кодексҳои андоз, дараҷаи прогрессивии роҳбарии мамлакат, маданияти ташкилии истеҳсолот дар ҳар як мамлакат гуногун аст, ки ин ҳам хусусияти аслии шаклҳои фаъолияти хайрияро ба миён меорад. На дар ҳама ҷо мавҷудияти ҳама омилҳоро барои ташкили фаъолияти эҳсонкорӣ талаб мекунад, аммо танҳо як ё ду омил кифоя аст, ки раванди пайдоиши ин навъи муносибатҳо  ҷомеаро ҳавасманд кунад. Гузашта аз ин, шояд омилҳое вуҷуд дошта бошанд, ки хайрхоҳиро ҳавасманд мекунанд, ки ҳанӯз дар иқтисоди Амрико вуҷуд надоранд.

## ПАЙНАВИШТ


1. Алексеева О.П. История доверия в недоверительные времена. История российской благотворительности / О.П. Алексеева. – М.: Эксмо, 2008. – 240 с.
2. Воронин С.В. Теории «филантропии» / С.В. Воронин. – М.: Мысль, 1981. – 160 с.
3. Ольсевич Ю.Я. Всемирная история экономической мысли. Том 5 [Электронный ресурс] / Ю. Я. Ольсевич. – М.: Мысль, 1994. – Режим доступа: http://www.looksite.ru/fulltext/eco/nom/iks/
4. Смит А. Теория нравственных чувств / А. Смит. – М.: Республика. 1997. – 352 с.
5. Брызгалова В.А. Из истории благотворительности / В.А. Брызгалова // Инновации и инвестиции. – 2015. – №12. – С.106-110.
6. Брызгалова В.А. Направления инвестирования средств благотворительными фондами США / В.А. Брызгалова // Сборник публикаций научного журнала «Chronos» по материалам V международной научно-практической конференции: «Экономика и современный менеджмент» г. Москва: сборник со статьями (уровень стандарта, академический уровень). – М.: Научный журнал «Chronos». – 2016. – С.22-27.
7. Giving USA 2015-2017. Report Highlights. – Giving USA.

8. Salamon L.M., Anheier H.K. The International Classification of Nonprofit Organizations: ICNPO-Revision 1 [Electronic resource] / L.M. Salamon, H.K. Anheier // Working papers. The Johns Hopkins University Institute for Policy Studies. – 1996. – 24 p. – Mode of access: http://ccss.jhu.edu/wp-content/uploads/downloads/2022/09/CNP_WP19_1996.pdf

REFERENCES

1. Alekseeva O.P. A History of Trust in Untrustworthy Times. History of Russian charity / O.P. Alekseev. – M.: Eksmo, 2008. – 240 p.
2. Voronin S.V. Theories of "philanthropy" / S.V. Voronin. - M.: Thought, 1981. - 160 p.
3. Olsevich Yu.Ya. World history of economic thought. Volume 5 [Electronic resource] / Yu. Ya. Olsevich. - M.: Thought, 1994. - Access mode:http://www.looksite.ru/fulltext/eco/nom/iks/
4. Smith A. Theory of moral feelings / A. Smith. – M.: Republic. 1997. - 352 p.
5. Bryzgalova V.A. From the history of charity / V.A. Bryzgalova // Innovations and investments. - 2015. - No. 12. - P.106-110.
6. Bryzgalova V.A. Directions for investing funds by US charitable foundations / V.A. Bryzgalova // Collection of publications of the scientific journal "Chonos" based on the materials of the V International Scientific and Practical Conference: "Economics and Modern Management", Moscow: a collection of articles (standard level, academic level). - M .: Scientific journal "Chkonos". - 2016. - P.22-27.
7. Giving USA 2015-2017. Report Highlights. – Giving USA.
8. Salamon L.M., Anheier H.K. The International Classification of Nonprofit Organizations: ICNPO-Revision 1 [Electronic resource] / L.M. Salamon, H.K. Anheier // Working papers. The Johns Hopkins University Institute for Policy Studies. – 1996. – 24 p. – Mode of access: http://ccss.jhu.edu/wp-content/uploads/downloads/2022/09/CNP_WP19_1996.p